«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара д.и.п. , профессор
_______________ Шоҳиён Н.Н.
"18" ноябри соли 2020

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсияи Шарипов Хуршед Алихонович дар мавзӯи "Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ" (самти «Таърих ва ҳуқуқ»), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мубрамият, ҳадафмандӣ ва афзалиятнокии таҳқиқот.**

Рисолаи диссертатсионии Шарипов Х.А. ба ҳаллу фасли проблемаи мубрами муосир - таҳқиқи усулҳои истифодаи технологияҳои мултимедӣ зимни таълими забони хориҷӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ" (самти «Таърих ва ҳуқуқ») бахшида шудааст. Баррасии ин масъала дар замони ҳозира дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёт, дар назди муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ, олии касбӣ, коллективҳои омӯзгорӣ талаботҳо ва вазифаҳои нав гузошта, боз ҳам аҳамияти баландро касб карда истодааст, ки муваффақият дар тарбияи насли навини шоиста аз фаъолияти самарабахши онҳо вобастагии ҷиддӣ дорад.

Проблемаи истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ дар таълими забони англисӣ тадриҷаен аҳамияти зиёдтар пайдо мекунад. Истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ на танҳо истифодаи амалии воситаҳо ва технологияҳои муосири техникӣ, балки истифодаи шаклҳо ва усулҳои нави таълими забонҳои хориҷӣ ва дар маҷмуъ самаранок гардидани раванди таълимро дар назар дорад. Яке аз вазифаҳои асосии омӯзгор ин пурзӯр кардани фаъолияти ҳар як донишҷӯ, фароҳам овардани шароит барои фаъолияти эҷодӣ мебошад. Маълум аст, ки истифодаи компютерҳо ва воситаҳои мултимедӣ на

танҳо дар амалисозии муносибати шахсӣ ба таълим кӯмак мерасонад, балки бо дарназардошти сатҳи дониши омӯзандагон ҷанбаҳои инфиродӣ ва тафриқавиро таъмин мекунад. Бисёр дастовардҳо зимни таълими забонҳои хориҷӣ аз муаллим, аз майлу хоҳиши истифодаи технологияи иттилоотӣ вобаста аст. Агар дар таълими анъанавӣ вазифаи асосӣ ба донишҷӯ интиқол додани миқдори муайяни дониш, ташаккули як қатор малакаҳо бошад, пас ҳадафи таълим дар муҳити иттилоотию маърифатӣ омӯзонидани донишҷӯ барои рафъу ҳалли мушкилоти маърифатӣ ҳадафи аслӣ буда, барои ин дарёфти дониш, маҳорат, малакаҳои эҷодӣ ва қобилияти коркард ва ташаккули салоҳиятҳои нутқию касбӣ дар истифодаи технологияи мултимедӣ зарурати воқеӣ мебошад.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, тибқи таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ ва методӣ, бо вуҷуди як теъдоди муайяни асархо бахшида ба пажуҳиши истифода аз технологияҳои мултимедӣ то ҳол таҳқиқоти бунёдӣ доир ба усули таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои компютерӣ дар ихтисосҳои гуманитарӣ мавриди таҳқиқ амиқан нокифоя омӯхта шудаанд. Ҳамаи ин мубрам будани коркарди назариявӣ ва амалии масъалаҳои марбут ба методикаи таълими забони англисиро бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ») тасдиқ менамояд.

**Ҳадафи таҳқиқот:** аз лиҳози назариявӣ асоснок кардан ва тариқи озмоиш санҷидани самаранокии методикаи омӯзиши забони англисӣ дар асоси технологияи мултимедӣ.

**Объекти таҳқиқот:** раванди педагогии таълими забони англисӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ.

**Мавзӯи таҳқиқот:** шароитҳои лингводидактикии такмили сифати таълим ва омӯзиши забони англисӣ аз ҷониби донишҷӯёни ихтисоси гуманитарии макотиби олӣ.

**Фарзияи таҳқиқот:** забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ дар асоси

технологияи сайёру мултимедӣ дар сурате самаранок роҳандозӣ мешавад, **агар:**

1. Дар асоси истифодаи технологияи сайёру мултимедӣ ҳосил намудани малакаҳои нутқӣ ва забонӣ имконпазир гардад.

2. Барои омӯзиши муваффақи забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ чунин шароитҳои психологию педагогӣ муҳайё бошанд:

а) ҳавасмандсозии донишҷӯён дар самти истифодаи технологияҳои сайёру мултимедӣ ҳамчун воситаҳои ёрирасони таълим;

б) омодагии омӯзгорон ба таълим ва омӯзиши забони англисӣ дар заминаи технологияҳои сайёру мултимедӣ;

в) салоҳиятмандии донишҷӯён дар истифодаи ТИК;

г) салоҳиятмандии омӯзгорони забони англисӣ дар истифодаи ТИК.

3. Ташкили тренинг дар се марҳила (омодагӣ, мурофиавӣ ва арзёбӣ), аз ҷумла панҷқадам (блог-технология) ва ҳашт марҳила (зеркасти мултимедӣ), инчунин истифодаи як қатор вазифаҳо оид ба ташаккули малакаҳои забонӣ.

Барои ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия зарур аст, ки **вазифаҳои зерин** ҳалли худро ёбанд:

1. Муайян намудани хусусиятҳои лингвистии забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ ва вазифаҳои методии технологияҳои мултимедӣ.
2. Мушаххас кардани доираи малакаҳои нутқронӣ ва забондонӣ дар муоширати муҳассилини ихтисосҳои гуманитарӣ, ки бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ роҳандозӣ мешаванд.
3. Муайян ва муқаррар намудани шароитҳои психологию педагогӣ барои омӯзиши забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ.
4. Таҳияи низоми методии таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ.

5. Таҳияи алгоритми маҳорати гуфтор ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ (технологияи блогҳо ва пневматикҳо) ва як қатор вазифаҳое, ки ба рушди малакаҳои забономӯзии донишҷӯён дар заминаи технологияҳои сайёру мултимедӣ нигаронида шудаанд.

6. Арзёбии самаранокии усулҳои таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ дар таълими таҷрибавӣ ва тавсифи натиҷаҳои миқдорӣ ва сифатии он.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани ғояҳо ва мулоҳизаҳои асосии диссертатсия, коркарди амсилаи консептуалӣ буда, имкон фароҳам овардааст, то дар заминаи муносибати босалоҳият ба раванди таълим, равияи шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ, таҳсилоти фосилавӣ, назария ва амалияи вориднамоии ТИК-и муосир, технологияҳои сайёру мултимедӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ, проблемаи методҳои омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»), инчунин кори таҳқиқотӣ, тафсир ва санҷиши натиҷаҳои комёбгашта самарабахш пешниҳод ва омӯхта шавад.

Иштироки шахсии унвонҷӯ боз дар он аст, ки ӯ ММТ, силлабус ва нақшаи нави таълимиро оид ба курси "Забони англисӣ барои факултетҳои таърих ва ҳуқуқ" коркард ва ба ҷараёни таълим ворид намудааст. Муаллиф дар интихоби усул ва тарзҳои таълим бо мақсади педагогикунонии кулли раванди омӯзиши касбӣ, амалигардонӣ ва роҳнамоии бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, мустақилона ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва асарҳои интишоршуда, аз ҷумла дастурҳои таълимӣ-методӣ ва мақолаҳо, фаъолона ширкат варзидааст.

**Нововарии илмӣ ва аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин ифода ёфт:

1. Бори аввал дар илми педагогика ва таърихи маорифи Тоҷикистон методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ

дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ мавриди пажуҳиш ва коркард қарор гирифт.

2. Дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ малакаҳои нутқ ва забонии донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитар аз забони англисӣ ташаккул дода шуд.

3. Нисбати истифодаи технологияҳои сайёру мултимедӣ ба сифати васоити ёвари таълими забони англисӣ ваҷҳи (мотиватсияи) донишҷӯён муайян ва рушд гардид.

4. Дар татбиқи таълими самараноки забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултимедӣ омодагии омӯзгорон андешида ва муайян карда шуд.

5. Истифодаи ТИК дар ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯёну омӯзгорони забони англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

6. Таълими забони англисӣ дар асоси равияи шахсӣ-фаъолмандӣ роҳандозӣ карда шуд.

7. Ду алгоритме, ки се марҳиларо фаро мегирад (тайёрию омодагӣ, мурофиавӣ (протсессуалӣ ва арзёбӣ) ва қадамҳо оид ба рушди малакаҳои нутқ дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ (блог-технологияҳо ва зеркастҳои сайёр) баррасӣ гардид.

8. Силсилаи супоришу вазифаҳо ба ташаккули малакаҳои нутқронии донишҷӯён бо истифода аз технологияҳои сайёру мултмедӣ (луғату фарҳангҳои сайёр ва маҷмӯаҳои лингвистӣ) пешниҳод ва тариқи озмоиш санҷида шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар диссертатсия дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ малакаҳои нутқ ва забондонии донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ аз забони англисӣ ташаккул дода шуд: мураттибии равиши ҳадафҳо, вазифаҳо ва маҷмӯи принсипҳо, мундариҷаи таълим, шароитҳои педагогӣ, давраҳои пажӯҳиши озмоишӣ ва меъёрҳо дар самти баҳодиҳии маҳорат ва малакаҳои ҳосилшуда гузаронда шуд. Истифодаи ТИК дар ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯёну омӯзгорони забони англисӣ баррасӣ карда шуда, таълими забони англисӣ дар асоси равияи шахсиятӣ-

фаъолиятмандӣ коркард карда шуд, то ки давраҳо ва механизмҳои ташаккули қобилият ва малакаҳои номбурда дар омӯзгорониояндаи ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди амал қарор гирад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқотро** методикаи аз лиҳози бунёдӣ-назариявӣ асосноккардашуда ва аз лиҳози озмоишӣ санҷидашудаи омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, ки ба ҳалли масъалаи баланд бардоштани самарабахшии ташкили раванди таълими забони англисӣ нигаронида шудааст, ташкил медиҳад. Барномаи пешниҳодёфтаи муаллиф вобаста ба пажӯҳиши таҷрибавӣ-озмоишӣ барои омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ дар самти таълими фанҳои таъриху ҳуқуқи донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба амалӣ сохтани донишҳои махсуси лингвистӣ, маҳорат ва малакаҳои донишҷуёни факултетҳои ихтисосҳои гуманитарӣ ва салоҳиятмандии касбии онҳо мусоидат мекунад; натиҷаҳои пажӯҳиш ҳамчунин дар маҷмӯи таълимӣ-методии таҳияшудаи муаллиф (МТУ), ки ба барнома ворид карда шудааст, силлабусҳо ва мундариҷаи машғулиятҳои курси «Забони англисӣ» барои факултаҳои ихтисосҳои гуманитарӣ муаррифӣ татбиқи амалии худро пайдо карданд. Натиҷаҳо, хулоҫаҳо ва тавсияҳои кори диссертатсиониро муаллимони муассисаҳои тахсилоти миёна ва олӣ зимни таълими забонҳои хориҷӣ метавонанд васеъ истифода баранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи низомнома оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ.**

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар 172 саҳифаи чопи компютерӣ инъикос гардидааст. Дар матн 22 ҷадвал, 1 диаграмма ва 3 расм мавҷуд буда, рӯйхати адабиёт 210 номгӯйро фаро мегирад.

Дар мукаддима перомуни мақсаду вазифаҳои кор ва методҳои тадқиқотӣ сухан рафта, унвонҷӯ аппарати илмии рисоларо возеху равшан баррасӣ намудааст.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «*Асосҳои назариявии таълими забони англисӣ дар асоси технологияи мултимедӣ*» масъалаҳои вобаста ба паҳлуҳои назариявии истифодаи технологияҳои сайёру мултимедиро зимни таълими забонҳои хориҷӣ фаро мегирад. Дар бахши мазкур ҳадафҳои омӯзиши забони англисӣ барои муҳассиллини ихтисосҳои гуманитарӣ баррасӣ гашта, мазмуну муҳтавои таълими забони англисӣ (номгӯю феҳристи малакаҳои нутқӣ ва забонии муҳассилин) дар асосу заминаи технологияҳои сайёру мултимедӣ зимни татбиқи амсилаи (модели) таълими «дастгирии раванди анъанавии таълим» муайян карда мешавад.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар адабиёти илмӣ амсилаҳои гуногуни салоҳияти коммуникативӣ барои ихтисосҳои гуманитарӣ пешкаш шудааст, ки он дар доираи мактабҳои алоҳидаи илмӣ истифода мегардад. Аз ҷумла, дар ИМА ду амсилаи салоҳияти коммуникативӣ барои ихтисосҳои гуманитарӣ маъруфияти зиёде пайдо кардааст. Амсилаи муҳаққиқон М. Канал ва М. Суэйн чор ҷузъи асосиро фаро мегирад: лингвистӣ (сарфу наҳв, луғат, савтиёт), иҷтимоӣ-лингвистӣ, ҷубронӣ ва дискурсивӣ (навъҳои фаъолияти нутқӣ). Л. Бахман дар таълифоти худ дар сохтори салоҳияти забонӣ салоҳиятҳои ташкилӣ ва прагматикиро ҷудо менамояд. Дар асоси сохтори мавҷудаи лингвистӣ ва луғатҳои электронӣ малакаҳои луғавӣ ва сарфунаҳвӣ дар нутқи донишҷӯён ташаккул меёбад. Ҳамин тариқ, дар заминаи сохтори мавҷудаи лингвистӣ ва луғатҳои электронӣ ташаккули малакаҳои луғавӣ ва сарфу наҳви и нутқи донишҷӯён парвариш меёбад.

Боби дувуми диссертатсия - «*Шароитҳои эксперименталии таълими забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултимедӣ*» иборат аз баррасию таҳқиқи ҷанбаю паҳлуҳои амалию таҷрибавии омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ дар заминаи технологияҳои сайёру мултимедӣ мебошад.

Муҳаққиқ иброз медорад, ки дар асоси таҳлили адабиёти методӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ метавонем, аз як ҷониб, оид ба зарурати истифодаи технолггияҳои сайёру мултимедӣ дар таълими забони англисӣ барои

донишҷӯён дар доираи консепсияи иттилоотонии таълиму тарбия мулоҳиза намоем, аз ҷониби дигар, оид ба мазмуну муҳтавои таълим ва методикаи мутобиқ ба ҳамгироии технологияҳои сайёру мултимедӣ дар раванди таълими забони англисӣ сухан ронем.

Маҳз омилҳои мазкур боиси муайян кардани ҳадафҳои коркарди низоми методии истифодаи технологияҳои сайёру мултимедӣ дар таълими забони англисии донишҷӯён мегардад. Ба мафҳуми «низоми методӣ» муроҷиат карда, ҳамчунин зарур аст хусусиятҳои тафриқавии онро муайн намоем ва, ҷузъҳои асосии онро ҷудо кунем. Дар бораи низоми методӣ ҳамчун маҷмӯи ягона сухан ронда, бояд тазаккур дод, ки он дорои хусусиятҳои тафриқавӣ буда, асосҳои сохт ва амалбахши низоми таълимро ташкил мекунад.

Ҳамин тариқ, хусусияти номбаршудаи низоми методӣ ба чунин амалҳо мусоидат мекунанд: ташаккули донишҳои устувори низомнок; ташаккули марҳилавии салоҳияти калидии муҳассилин; ҳамгироии байни предметии донишу таҷрибаҳои ба даст омада; афзалиятнокии шаклҳои таълими проблемавӣ ва ҷанбаи таҳқиқӣ дошта; тафриқавӣ ва инфиродӣ гардонидани вазоифи таълим, ки ба рушди ақлонию зеҳнии омӯзандагон созгор аст. Дар ин робита низоми методии омӯзишу парвариш сохтори мукаммал ва бутунро фаро мегирад, ки ҷузъҳои он ба ҳам алоқаманд буда, ҳудуд ва қисматҳои мушаххас дорад.

Ниҳоят, дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқи усулҳо таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ" (самти «Таърих ва ҳуқуқ») диссертант ба хулосаву тавсияҳои методии мувофиқ омадааст.

Бояд қайд кард, ки Шарипов Х.А. аз адабиёти сершумор истифода карда, диссертатсияро бомуваффақият ба забони тоҷикӣ ба анҷом расонидааст. Диссертант доир ба ҳар як масъалаи дар рисола баррасишаванда ба фикру хулосаҳои олимон такя карда истода, мулоҳизаҳои худро низ иброз медорад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро** инҳо таъмин карданд: истифодаи пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии пажӯҳиш, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои

пажӯҳиш созгор ва мувофиқанд; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қавоиде, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи пажӯҳиш ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои диссертатсия дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи диссертатсия.

Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд. Мазмун ва мӯҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо чопшуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш истодаи муаллиф мувофиқат мекунанд.

**Эродҳо дар маҷмӯъ оид ба рисолаи таҳқиқотӣ.**

Дар диссертатсияи такризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили кор минбаъд хеле муфиданд:

1. Дар рисола ва фишурдаи он ғалатҳои услубӣ (*қитъаи тасдиқӣ, қитъаи назоратӣ* ниг. ба расми 2) ба чашм мерасанд (дар фишурдаи рисола, ниг. ба с. 21 –*Дар муддати силсила донишҷӯён 6 мавзӯро аз худ карданд*; с. 21 – *маводи луғавӣ-сарфунаҳвӣ, марҳилаи назоратии эксперемент* – шакли дуруст: маводи бахши сарфу наҳв ва луғат, марҳилаи назорати эксперимент (таҷриба)

2. Нодуруст гузоштани аломатҳои китобат, аз ҷумла тафовут нагузоштан дар байни аломатҳои китобати дефис (-) ва тире (–) (дар рисола: ниг. ба бахши ихтисораҳо дар с. 3)

3. Нокомил бозтоб шудани саҳми муаллифи рисола дар муқаддима дар бахши *саҳми шахсии унвонҷӯ.*

Дар маҷмӯъ, норасоиҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти таҳқиқи анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо вижагии фаннӣ дошта, ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Дар ин замина, диссертатсияи мазкур таҳқиқи илмии баанҷомрасида буда, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ ҳам барои забоншиносӣ ва ҳам педагогикаи тоҷик, махсусан дар соҳаи усулҳои таълим, ки як ҷузъи ҷудонопазири илм маҳсуб меёбад, кори таҳқиқии нав

буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои илмии дигар, таълифи осору мақолот ва таҳияи фарҳангҳои тафсирию соҳавӣ, барои таҳияи асарҳои монографӣ, таълифи китобҳо ва дастурҳои таълимӣ доир ба усулҳои таълими забонҳои хориҷӣ, хондани курсу семинарҳои махсус роҳнамое хубе буда метавонад.

**Мутобиқати мукаммалии таълифот, истифодаи натиҷаҳои бадастомада**

Мутобиқати мукаммалии таълифот дар 12 мақола инъикос ёфта, аз ҷумла 6 мақола, ки ба мавзӯи рисолаи илмӣ рабт дорад, дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои асосии ба дастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра инъикос мекунанд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба усулҳои таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ" (самти «Таърих ва ҳуқуқ») ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

Тақриз дар кафедраи назария ва амалияи забонҳои хориҷии Донишгоҳ, дар таърихи 16.11.2020, таҳти суратҷаласаи №4 аз тарафи номзади илмҳои филологӣ, дотсент Самардинов Қ.Н. тартиб дода шуд.

**Хулоса**

Вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ" (самти «Таърих ва ҳуқуқ») ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

бандҳои 7, 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти рақами № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Шарипов Хуршед Алихонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

**Роҳбари семинари илмӣ-назариявӣ,**
**н.и.ф., дотсенти кафедраи назария**
**ва амалияи забонҳои хориҷии**
**Донишгоҳи давлатии Данғара** **Самардинов Қ.Н.**

**Котиби семинари илмӣ-назариявӣ:** **Ҳасанов Ф.З.**

**Ташхисгар, н.и.ф.:** **Қодиров С.Д.**

**Нишонӣ: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,**
**кӯчаи Марказӣ, 25.**
**E-mail: dddangara2013@mail.ru**

**Имзоҳои Самардинов Қ.Н., Ҳасанов Ф.З.**
**ва Қодиров С.Д.-ро тасдиқ мекунам,**
**Сардори шуъбаи кадрҳо** **Ҷабборӣ Н.Ҷ.**

ШУЪБАИ КАДРҲО